# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи "Фарогирии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир аз технологияи ғайрианънанавӣ" (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи 13.00.03. - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони имконияташон маҳдуд дар мактабҳои ҳамагонӣ синфҳои фарогир ташкил карда шудааст, ки дар он хонандагон дар баробари маҳдудият доштанашон ҳуқуқи таълим гирифтанро доранд. Барои хонандагони нуқсони нутқдошта дар ҷумҳури мактабҳои махсус вуҷуд надорад, аз ин лиҳоз хонандагон барои таҳсилро давом додан дар мактабҳои ҳамагонӣ баробари хонандагони солим дар якҷояги таълим дода мешавад. Дар синфҳои махсуси фарогир хонандагони нуқсонҳои мухталиф ба монанди маҳдудияти кундзеҳнӣ, чапдастӣ, олусчашм (астигматизм), маҳдудияти саломатидошта, синдроми дауна, синдороми аутизм, дурбин, наздикбин, сутбин, сустшунаво вайрон будани такягоҳи ҳаракатӣ (дараҷаи сабук) таҳсил мекунанд, ки дар ҳар яки онҳо нуқсони дуюмдараҷа нуқсони нутқи низ мушоҳида мешавад. Муҳаққиқ дар таҳқиқоти худ кушиш менамоем, ки бо воситаи технологияи ғайрианъанавӣ ислоҳ намудани нуқсони нутқи хонандагони таҳсилоти ибтидоиро дар дарсҳои забони модарӣ бартараф созем.

Мавзӯи интихобкарда имконият медиҳад, ки муаллими фанни забони модарӣ ҳар як сохтори дарсро ба нуқсонҳои нутқ мувофиқат намуда, бо воситаи усулҳои муаррифкунии маводи таълимӣ ба монанди «Кобеду ёбед», «Кластер», «Ҳуҷуми ақлӣ» барои кори мустақилона ва фаъолияти

маърифатии оянда хонанда заминаи мусоид фароҳам оварда, нуқсонҳои нутқи хонандагонро ислоҳ намояд.

Таҳқиқоти кори илмии Мирзоева С.Д., яке аз масъалаи ба ҳисоб меравад, ки дар илми педагогикаи махсус маҳсуб буда, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки барои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқи хонандагони таҳсилоти умумӣ бо воситаи дарсҳои ғайрианъанавӣ корҳои коррексионӣ истифода баранд.

Мавзӯи интихоб кардани Мирзоева С.Д., на танҳо рузмарра, балки яке аз фаъолияти ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз шароити фарогирии табиии раванди ислоҳию педагогӣ муҳимтарин талабот нисбат ба усули аёнӣ ҳамчун тадқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Бисёре аз дастурҳои дидактикии пешниҳодкарда ва кор карда баромадаи педагогҳои собиқ то алҳол бидуни тағйироти ҷиддӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Бидуни мутакко ба тасуввури зинда ташаккул додани ҷаҳонбинии дурусти илмӣ ва дониши илмии воқеъ имконнопазир аст.

Ҳадаф ва мақсади интихоб кардани мавзӯи Мирзоева С., пеш аз ҳама дар он буд, ки ӯ аз фанни методикаи таълими забони модари дар мактабҳои ёрирасон чандин сол мешавад, ки дарс мегӯяд ва нисбати фанни марбут тасаввуроти зиёд дорад. Ян Амос Коменский дар асари “Дидактикаи бузург” сухан рони намуда қайд менамояд, ки «Оё кӯдакони нобино, ношунаво ва маъюбонро тарбия кардан мумкин аст?», боз илова менамояд, ки бале аз таълим бояд касе саркаши накунад.

Ман ҳамчун роҳбари илмӣ бояд иброз намоям, ки ҳар як вазифаи супоридашударо Мирзоева С., сари вақт иҷро менамуд. Дар ҷараёни таҳқиқотҳои илмӣ назарияро Мирзоева С., дар амал татбиқ намуда, хонандагони имкониятшон маҳдудро баробари хонандагони солим мепиндорад.

Муҳаққиқ таҳлили назариявии сарчашмаҳои нуқсоншиносӣ, логопедҳо, омӯхтани ҳуҷҷатҳои ташхис, педагогӣ ва психологӣ,

мушоҳидаи педагогӣ суҳбат, пурсишнома, мусоҳибаҳо, методи анкетагузарони, методи рейтинг-баҳодиҳӣ, методи ҷамъбаст намудани характеристикаи мустақим, методи омӯхтани маҳсули фаъолияти ХННД, методи тарҷумаи ҳол, методи омӯхтани ҳуҷҷатгузории муассисаҳои таълимӣ, методи озмоиши (эксперементи) педагогӣ, методҳои тадқиқоти сарчашмаҳои назариявӣ, методи дигар таҳлили муқоисавии таърихӣ, усулҳои бозӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ, методи таҳлили муқоисавии системаи маълумотдиҳӣ таҳлили таҷрибаи пешқадами омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, озмоиш, арзёбии таҳлили оморӣ, натиҷаҳо ва натиҷабардорӣ аз қисми назариявӣ ва амалии кори тадқиқотӣ мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти илмии Мирзоева С.Д., навгониҳои илмии таҳқиқот, нуқтаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои фаъоли таълим барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ мусоидатшавандаро таҷдиди назар намудааст.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ қайд намудааст, ки муддати тӯлонӣ дарс шакли воҳиди машғулияти таълимӣ дар мактаб буд, комилан табиист, ки чунин номидани худи машғулият (масалан, ҷадвали дарсҳо) маълум гашта дар он корҳои ислоҳӣ низ истифода бурда шавад. Педагоги маҳшур М.Лутфуллоев., дар китоби “Дарс”-и хеш аз маҷмуи ва рисолати дарс сухан ба пеш оварда, бо хонанда аз нигоҳи нав дар бораи дарси замонавӣ андешаҳо ва муқовиматҳои ҷолиб баён кард, ки онро метавон ҳамчун дастур ва нуқта дар фаъолияти касбии омӯзгор арзёбӣ кард.

Дар доираи ҳама гуна дарс, аз ҷумла дарси забони модарӣ, новобаста аз шакли он (анъанавӣ, мушкилӣ, инкишофёбанда, шавқовар ё дилгиркунанда), ислоҳи нуқсонҳои нутқ кор бо садоҳои акустикӣ ва артикулятории нутқро дар бар мегирад, ки онро муаллиф аз ду унсур

асоси иборат медонад, ки ин овозҳои садонок ва овозҳои ҳамсадо иборат медонад.

Дар баробари гузаронидани дарсҳои забони модарӣ омӯзгор бо тавсияҳои логопед ҳуқуки ислоҳ намудани нуқсонҳои нуткро дорад. Дар аввал калимаҳои алоҳида бо овози пешниҳодшуда ва аз ёд крдаи шеър интихоби, чистон, зарбулмасал баъд ибораҳои мустақил аз худ карда мешаванд. Баъд аз такрори зиёд ва аз ёд кардани шеър ва хондани (нақли) матн бояд нутқи хонанда ислоҳ шавад. Матнҳои дарсҳои забони модарӣ дар аввал навишта, сипас хонандагон бояд бо суханҳои худ нақл намояд. Омӯзгор бояд диққат диҳад, ки дар калимаҳо хонанда овозҳои лозимиро дуруст талаффуз мекунад ё не. Дар ҳолати мушкили талаффуз ва ҳамчунин барои тақвия додани овози пешниҳодшуда омӯзгор бояд аз рӯи матн саволҳо диҳад.

Истифодаи технологияи ғайрианъанавӣ ҳамчун чистон низ бояд истифода бурд, зеро ёфтани ҷавоби чистон хонандагонро ба чустучолоки ва ангезиши зеҳн истифода бурда мешавад.

Санҷиши-ташкилу баргузории корҳои таҷрибавӣ муҳаққиқ нишон додааст, ки истифодаи усулҳои ғайрианъанавӣ дар дарси забони модарӣ шарти муҳимтарини татбиқи самараноки раванди муосири таълим барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ мебошад. Ҷузъи зарурии ташаккули малакаҳои фаъолияти таълимӣ ва эҷодии ХННД, ки дар муассисаҳои махсуси таҳсилоти таълим дода мешаванд ин дастгирии фаъоли таълим дар асоси истифодаи усулҳои ғайрианъанавӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқ буда, сатҳи донишро баланд бардоштан, инчунин ба дастовардҳои бештар ноил шудан мумкин аст. Бошуурона ва ҷуқуртар дарк намудани маводҳои таълимӣ аз тарафи ХННД дар тамоми раванди истифодаи усулҳои ғайрианъанавӣ мушоҳида гардид.

| № | Меъёр | Буд | Шуд |
|---|---|---|---|
| 1 | Сатҳи баланд | 36% | 56% |
| 2 | Сатҳи миёна | 52% | 40% |
| 3 | Сатҳи паст | 12% | 4% |
| | | 100% | 100% |

Муайян намудем, ки корҳои ислоҳӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ таҷрибавӣ назар ба дараҷаи таълими хонандагони имконияти маҳдуд таҳсилоти ибтидоии таҳсилоти назорат 22- фоиз зиёд гардид.

Дар маҷмӯъ, кори илмии таҳқиқотии Мирзоева Савригул Давлатқадамовна дар мавзуи "Фарогирии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир аз технологияи ғайрианъанавӣ" (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи 13.00.03. - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор аст.

Роҳбари илмӣ, дотсент, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Рамазонова. Р.С.

Имзои Рамазонова Р-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ А.Мустафозода
28.11.2024

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www: tgpu.tj